Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

8 марти соли 2024
Ҷумъа
№ 20 (15031)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ҲУРМАТУ ЭҲТИРОМИ ШАЪНУ ШАРАФИ ИНСОН, ПЕШ АЗ ҲАМА, АЗ ЭҲТИРОМИ ЗАНОНИ АЗИЗИ МО ОҒОЗ МЕЁБАД

**Дар шаҳри Тошканд маросими тантанавӣ бахшида ба Рӯзи байналхалқии занон баргузор шуд.**





Дар маросим Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев иштирок кард. Роҳбари давлат дар маърӯзаи худ меҳру муҳаббат ва эҳтироми амиқи худро нисбати занон изҳор дошт.

Дар ин рӯзи зебо ҳамаи мо дар назди бузургии модар, эҳтироми баланди зан, ки ба мо ҳаёт бахшида, бо муҳаббат ба оғӯш гирифта, тарбия кардааст, сари таъзим фуруд меоварем, – гуфт Президент.

Дар мамлакати мо дар самти мазкур корҳои васеъмиқёс амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, дар доираи Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» бобати баланд бардоштани фаъолнокии занон, ҳифзи модару кӯдак, тасбити баробарии гендерӣ, таъмин шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои бонувон тадбирҳои зиёд татбиқ мегарданд.

Ин дар тамоми соҳаҳо, аз он ҷумла, сиёсӣ зуҳур меёбад. Инак, дар Кодекси интихоботӣ сабт ёфтааст, ки миқдори занон бояд на камтар аз 40 фоизи номзадҳо ба депутатӣ, ё худ на камтар аз 2 нафар аз 5 номзадро ташкил диҳад. Ҳоли ҳозир саҳми бонувон дар идораи давлатӣ аз 27 фоизи соли 2017-ум то 35 фоиз афзуд.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ДАР ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ ТАЪМИН СОХТАНИ ҲАЁТИ САЗОВОРИ ХАЛҚ, ПЕШ АЗ ҲАМА ЗАНОН, МИНБАЪД НИЗ ВАЗИФАИ МУҲИМТАРИНИ МО БОҚӢ МЕМОНАД

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маросими тантанавии бахшида ба Рӯзи байналхалқии занон

Модарони азиз, хоҳарон ва духтарони меҳрубон!

Барои ман воҳӯрӣ бо шумо имрӯз дар ин тантанаҳо ва самимона, аз таҳти дил табрик намудани шумо ва дар шахси шумо тамоми занони мамлакатамонро бо Рӯзи байналхалқии бонувон шарафи бузург аст.

Иҷозат диҳед ба ҳамаи шумо муҳаббати самимӣ ва эҳтироми амиқи худро изҳор намоям.

Ҷашни зебои баҳор муборак бошад!

Ҳамдиёрони муҳтарам!

Дар ин рӯзи ҷашн ҳамаи мо дар назди бузургии модар, занони муътабар, ки ба мо ҳаёт бахшидаанд, моро бо меҳру муҳаббат парваридаву тарбия кардаанд, сари таъзим фуруд меоварем. Зеро ҳурмату эҳтироми шаъну шарафи инсон, аввало, аз эҳтиром нисбати занони азизи мо оғоз меёбад.

Ҳикмати гузаштаи бузурги мо Мир Алишери Навоӣ дар бораи он ки **ҳангоми аз боғҳои фирдавс андеша кардан, пеш аз ҳама, бояд дуои неки модаронро гирифт**ро мо ҳамчун даъвати нек қабул мекунем.

Наметавон маънову мазмуни ҳаёти мо, тамоми ҳастии моро бидуни шумо, занони азиз тасаввур кард. Шумо барои мо таҷассуми зебоиву меҳрубонӣ, муҳаббату садоқат, хоксориву сабру тамкин ва накӯӣ будеду ҳастед. Бо сифатҳои неки худ шумо барои ҳаёт ва ба оянда ба мо неру, ғайрат ва эътимод мебахшед, ки сазовори ифтихори бузург мебошад.

Хоҳарони муҳтарам!

Тамоми шароитҳое, ки дар мамлакат барои ҳаёти озод, фаровон ва шукуфони халқи меҳнатдӯсту миннатдори мо, дар навбати аввал барои занон фароҳам оварда мешаванд, вазифаи аввалиндараҷаи давлат ва ҷамъият муқаррар карда шудааст. Мувофиқи **Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030»** бобати баланд бардоштани фаъолнокии сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодии бонувон, ҳифзи модару кӯдак, тасбити баробарии гендерӣ, таъмин шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои занон чораҳои васеъмиқёс татбиқ мегарданд.

Бо ин мақсад, пеш аз ҳама, қонунгузории миллӣ такмил меёбад, барои занон имкониятҳои беш аз пеш муҳайё карда мешаванд. Барои собит намудани ин суханон танҳо як мисол меоварам: дар Кодекси интихоботии мо сабт шудааст, ки шумораи занон бояд на камтар аз 40 фоизи номзадҳо ба депутатӣ, ё худ на камтар аз 2 нафари 5 номзадро ташкил диҳад.

Ман хурсандам, ки дар ин толори муҳташам занони муҳтарами мо – депутатҳо ва сенаторонро мебинам. Бешубҳа, онҳо дар таҳкими қонунгузории мамлакат, таъмин шудани адолат ва амалкарди қонунҳои қабулшуда саҳми бузург мегузоранд. Барои ин мо ба занон – интихобкардагони халқамон самимона миннатдорӣ изҳор менамоем.

Бояд таъкид намуд, ки ҳоли ҳозир саҳми занон дар идоракунии давлатӣ 35 фоизро ташкил медиҳад, ин дар ҳолест, ки соли 2017-ум он 27 фоизро ташкил медод. Ҳамаи моро, ба хусус он чиз хурсанд мекунад, ки алҳол садҳо бонувони мо дар кори худ дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт фаъолнокӣ ва ташаббуснокӣ зоҳир менамоянд.

Вобаста ба ин бояд кори самарабахши Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа, баробарии гендерӣ ва оиларо таъкид кард.

Бобати вусъат додани имкониятҳои иқтисодии бонувон, рушди соҳибкории занон натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд.

Тӯли панҷ соли охир дар Ӯзбекистон миқдори занони соҳибкор ду баробар афзуд, зиёда аз 205 ҳазор бонувон тиҷорати худро ба роҳ монданд. Танҳо соли 2023-юм барои татбиқ намудани зиёда аз 277 ҳазор лоиҳаҳои тиҷоратӣ беш аз 13 триллион сӯм вомҳо ҷудо карда шуданд, тақрибан ба 57 ҳазор занон анқариб 300 миллиард сӯм субсидия пешниҳод гардид. Ғайр аз ин, тақрибан ба 200 ҳазор занон касбҳо ва асрори соҳибкорӣ омӯзонида шуд. Аз ҳама муҳимаш беш аз 400 ҳазор зан ва духтарон бо кор таъмин карда шуданд.

Аз ҳисоби 6 триллион сӯм вомҳои ипотекӣ, ки барои занон ҷудо гардиданд, 25 ҳазор оила соҳиби манзили худӣ шуданд. Барои беҳтар кардани шароити манзил ва пардохти аъзобадали ибтидоӣ ҳамчун вом барои 6200 зан 200 миллиард сӯм субсидия ҷудо карда шуд.

Баробари ин кор бобати омӯхтан ва ҳаллу фасл кардани мушкилоти занон дар маҳалҳо ба дараҷаи нав бардошта мешавад. Танҳо соли гузашта аз ҳисоби ҷудо кардани 1 триллиону 234 миллиард сӯм дар пояи низоми «Дафтари занон» ҳаллу фасли мушкилоти анқариб 994 ҳазор зан имконпазир гардид.

Он чиз бахусус муҳим мебошад, ки барои иҷрои вазифаҳои мазкур нақши Кумитаи оила ва занон, Федератсияи иттифоқҳои касаба ва занони фаъол дар маҳаллаҳо торафт пурзӯртар мегардад. Он чиз боиси эътибори махсус мебошад, ки дар натиҷаи аз ҷониби онҳо омӯхтани вазъи занон дар қисмати кадбонуҳо ба беш аз 690 ҳазор оилае, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз доранд, кумаки нишонадор расонида шуд, муҳит дар 116 ҳазор оилаҳои камтаъмин беҳтар гардид.

Дӯстони азиз!

Дар мамлакати мо ба духтарон, модарони оянда, ки бояд насли наврасро тарбия кунанд, дари таълими олӣ шаванд, соҳиби касбҳои замонавӣ, донандагони технология ва забонҳои хориҷӣ гарданд, эътибори калон дода мешавад.

Ҳоли ҳозир беш аз нисфи 1 миллиону 300 ҳазор донишҷӯёне, ки дар мактабҳои олӣ таълим мегиранд, духтаронанд. Дар байни ҷавононе, ки дар магистратура мехонанд саҳми духтарон боз бештар, тақрибан 14 ҳазор нафар аст. Ин анқариб 60 фоизи миқдори умумии магистрантҳоро ташкил медиҳад.

Дар соли хониши кунунӣ 1914 духтарон аз оилаҳои эҳтиёҷманд барои хондан ба мактабҳои олӣ бинобар грантҳои иловагии давлатӣ қабул карда шуданд. Беш аз 181500 духтарон вомҳои имтиёзноки таълимӣ гирифтанд. Аз ҳисоби буҷаҳои маҳаллӣ маблағи қарордодии зиёда аз 2 ҳазор донишҷӯён аз ҷумлаи аъзои оилае, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд мебошанд, донишҷӯёни ятим ё худ аз саробони оилавӣ маҳруммонда дар ҳаҷми 14 миллиарду 500 миллион сӯм сарпӯш карда шуданд. Солҳои охир маблағи қарордодии духтароне, ки дар магистратураи муассисаҳои давлатии таълими олӣ мехонанд, аз ҳисоби буҷа пардохта мешаванд.

Аз ҳама муҳимаш рағбати духтарон ба дониш ва касбҳои замонавӣ меафзоянд. Чунончӣ, 47 фоиз, ё худ тақрибан нисфи ҷавононе, ки дар доираи лоиҳаи «Як миллион барномарез» мехонанд, духтаронанд.

Солҳои охир дар мамлакат соҳаҳои илм ва таълим мувофиқи меъёрҳои ҷаҳонӣ ислоҳ карда мешаванд, аз ҷумла таълими олӣ ислоҳ мегардад, ки дар натиҷа занон дар соҳаҳои мазкур ба натиҷаҳои бузург муваффақ мешаванд. Танҳо тӯли ҳафт соли охир ба 5 ҳазору 247 зан дар самтҳои мухталиф унвонҳои илмии доктори фан (DSc) ва доктори фалсафа (PhD) дода шуд. Хурсандиовар аст, ки танҳо соли 2023-юм 147 нафар бонувон дараҷаи доктори улум, 1238 нафар доктори фалсафаро гирифтанд.

Ҳоли ҳозир дар соҳаи илм анқариб 5 ҳазор олимаҳо кор мекунанд. Дар мактаҳои олӣ беш аз 14 ҳазор занон таълим медиҳанд ва корҳои илмӣ мебаранд.

Ин рақамҳо аз чӣ далолат медиҳанд?

Пеш аз ҳама, онҳо далолати иқтидори баланди зеҳнии духтарон, занони мостанд, ки қодиранд, агар мо барои онҳо шароит ва имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварем, қуллаҳои баландтаринро забт намоянд.

Бешубҳа, баҳои сазовор додан ва ба тарзи шоиста қадр намудани меҳнати занони мо, ки баробари ташвишҳои оилавӣ, тарбияи кӯдакон, дар соҳа ва ҷабҳаҳои мухталиф фидокорона кор мекунанд, дар маркази эътибори доимии давлат қарор дорад.

Тӯли солҳои истиқлолият 17 нафар занони муҳтарами мо сазовори унвони олии «Қаҳрамони Ӯзбекистон» гардиданд, бояд махсус таъкид намуд, ки 7 нафари онҳо намояндагони илм, таълим ва санъат ба шумор мераванд. 11 зан сазовори дараҷаи олии соҳаи илм – унвони академикӣ гардиданд, ҳазорҳо нафар бонувон бо унвонҳои ифтихорӣ, ордену медалҳои давлатӣ мукофотонида шуданд, ки зуҳуроти эҳтироми олии халқ ва кишвари мо нисбати онҳост.

Ҳамватанони азиз!

Тавре ки шумо медонед, алҳол дар олам вазъи номӯътадил ва мураккаб ҳукмрон аст, буҳрони иқтисодӣ торафт амиқтар мегардад. Шубҳае нест, ки ҳамаи ин ба мамлакати мо низ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар чунин вазъият барои соҳаҳои иҷтимоӣ дарёфт кардани маблағҳои буҷавӣ осон нест. Вале, бо вуҷуди душвориҳо, мо имкониятҳои иловагиро пайдо мекунем, барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, татбиқсозии иқтидори занону духтарон шароит фароҳам меоварем ва ин корро ҳатман идома медиҳем. Зеро **саводнок кардани занон, аз ҷумла духтарон, дорои таълими олӣ шудан, соҳиби касб гардидани онҳо ба бахту саодати оилавӣ, инкишофи кӯдакон, умуман шукуфоии тамоми ҷамъият мусоидат мекунад.**

Муҳтарам иштирокдорони тантана!

Барои таъмин намудани ҳифзи шаъну шарафи инсон ҳамчун ҳувияти олӣ ҳифзи саломатии занон, модариву кӯдакӣ, таҳкими генофонди миллӣ масъалаи асосӣ ба шумор меояд. Соли 2023-юм зиёда аз 6 миллиону 500 ҳазор занон аз назорати тиббӣ гузаштанд, онҳо маслиҳатҳои зарурии тиббӣ ва кумакҳои амалӣ гирифтанд.

Барои идома додани тамоми ин корҳои нек дар Барномаи давлатии Соли дастгири ҷавонон ва тиҷорат вазифаҳо бобати таҳкими саломатии занон, таъмин намудани шуғли онҳо, рушди соҳибкории занон, пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоиашон вазифаҳои махсус муайян карда шуданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

# МАСЪАЛАҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ДАРОМАДИ АҲОЛӢ ДАР МАҲАЛЛАҲО БАРРАСӢ ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 7 март бахшида ба баррасии чораҳо бобати зиёд кардани даромади аҳолӣ ва коҳиш додани сатҳи нодорӣ дар маҳаллаҳо машварат баргузор кард.***

Дар мамлакати мо як қатор барномаҳои иқтисодӣ, ки ба коҳиш додани бекорӣ нигаронида шудаанд, татбиқ мегарданд. Тиҷорати хурд ва фаъолияти соҳибкорӣ фаъолона дастгирӣ мешаванд, дар минтақаҳои мухталиф корхонаҳои нав боз мегарданд. Дар муассисаҳои таълими касбӣ ва мономарказҳои «Марҳамат, ба кор» ба аҳолӣ тахассусҳои замонавӣ ва забонҳои хориҷӣ омӯзонида мешаванд.

Соли равон бо ҷойи кор таъмин кардани панҷ миллион нафар, ҳамчунин ба фаъолияти соҳибкорӣ ҷалб намудани ду миллион нафар пешбинӣ гардидааст. Барои мақсадҳои мазкур аз ҷониби давлат тамоми шароитҳои ташкилӣ ва молиявӣ фароҳам оварда шуданд.

Аз ҷумла, барои ин мақсадҳо 16 триллион сӯм ҷудо гардид. Ғайр аз ин маблағ дар ҳаҷми 1,4 триллион сӯм аз ҷониби бунёдҳои Вазорати шуғл ва коҳиш додани нодорӣ, Оҷонсии кори маҳаллабай ва Шӯрои фермерон сафарбар карда хоҳад шуд.

Минбаъд истифодаи самарабахши имкониятҳо дар маҳалҳо барои созмон додани манбаъҳои даромади аҳолӣ вазифаи асосӣ мегардад.

Мувофиқи супориши Президент дар мисоли ноҳияҳои Ғаллаарал ва Шароф Рашидови вилояти Ҷиззах механизмҳои нави самарабахш андешида мешаванд, ки минбаъд дар тамоми минтақаҳо ҷорӣ карда хоҳанд шуд.

Дар машварат муовини Сарвазир – вазири иқтисодиёт ва молия Ҷ. Қӯчқоров бобати ошкор кардани имкониятҳои нав дар ноҳияҳои зикршуда ва ба ҳаёт татбиқ намудани онҳо таклифҳо пеш гузошт. Чунончӣ, ба ҳар як маҳалла ташкилоти маҷмӯи иқтисодӣ вобаста карда мешавад. Онҳо бо оилаҳои камтаъмин дар маҳаллаҳои тобеашон кори нишонадор мебаранд, барои афзудани даромади мардум кумак мерасонанд. Вомҳои арзон, субсидия ва захираҳои имтиёзнок, пеш аз ҳама, ба мақсади коҳиш додани нодорӣ ҷудо карда мешаванд. Ҳамчунин чораҳо бинобар озодкунии тиҷорати ғайрирасмӣ ва бо кор таъминкунии расмӣ андешида хоҳанд шуд.

Шӯрои хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва соҳибони қитъаҳои наздиҳавлигӣ дар ҳамкорӣ бо роҳбарони вобасташуда дар маҳаллаҳо парвариши зироати сердаромадро дар қитъаҳои наздиҳавлии аҳолӣ ташкил мекунанд.

Муҳимияти роҳҳои зиёд кардани даромад бо омӯзондани таҷҳизоти нави корӣ ва маънидодкунии талаботи бозор таъкид гардид.

Дар машварат фикру ақидаҳои вазирону ҳокимҳо шунида шуданд. Ба сарони вилоятҳо супурда шуд, ки чунин фаъолиятро дар ноҳияҳои ақибмонда низ ба роҳ монанд, ҳамчунин бобати кам кардани бекорӣ дар ҳар як маҳалла чораҳо қабул кунанд.

**ЎзА.**

***Имсол баробари фарорасии фасли нозанини баҳори гулбезу гулрез моҳи шарифи Рамазон ҳам омад. Барои аз фазлу аҳкоми чунин айёми муқаддас, бештару хубтар баҳраманд кардани рӯзномахонон мо бо имом-хатиби вилояти Самарқанд Ҳоҷӣ Зайниддин Эшонқулов ҳамсуҳбат шудем.***

# МОҲИ РАМАЗОН МУБОРАК БОД!

**– Ассалому алайкум домуллои муҳтарам! Аввало иҷозат фармоед, аз номи кормандону муштариёни рӯзномаамон Шумо ва тамоми аҳли исломи кишвари азизамонро бо моҳи шарифи Рамазон табрик гуфта, тамоми хушиҳои зиндагиро таманно намоем.**

– Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим, бисёр ташаккуру сипос, аммо баъд бо чашмдошти ба саодати ду дунё соҳиб шудани бандаҳояш ба Аллоҳи таоло ҳамду сано бодо!

Воқеан калимаи «рӯза» ба лафзи арабӣ «сиём» буда, маънои луғавии он парҳез кардан, нигоҳ доштани нафсро дорад. Дар истилоҳи шариат «аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани Офтоб» аз хӯрдан, нӯшидан, худро нигоҳ дошта, бештар амалҳои некро иҷро кардан аст. Аз ҳама муҳимаш, шахси рӯзадор бояд тақводор, яъне бо ирода, парҳезкор, савобталаб, худотарс, ҳақиқатнигор ва қалбаш мусаффо бошад.

Агар хоҳед, ки сабуру батоқат бошед, гуноҳҳоятон мағфират гардад, ҳатман рӯза доред. Боз як гап. Вақтҳои охир табибон собит кардаанд, ки бо гуруснагӣ кас метавонад ба дардҳои худ даво ёбад.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки рӯзадорӣ дар дигар динҳо низ ҳаст, вале бо тартибу қоидаи дигар.

Фаромӯш накунем, ки ҳамаи амалҳои инсон барои худаш буда, рӯзадориаш барои Парвардигор аст. Дар ҳадиси қудсӣ омадааст: «Аллоҳи таъоло фармуд: «Ҳамаи амалҳои фарзанди одам барои худаш, танҳо рӯзадориаш барои ман аст ва мукофоти онро Худам медиҳам».

Пайғамбарамон (с.а.в.) доир ба фазилатҳои рӯза ва чӣ гуна рафтор кардани рӯзадор чунин фармудаанд:

1. Рӯза шахси рӯзадорро аз корҳои бад, гуноҳ содир кардан, бемориҳо ва муҳимаш, аз ба дӯзах афтодан нигоҳ медорад. Аз даҳони рӯзадор суханҳои бемаънӣ, беҳуда, ношоям, ҳақорат намебарояд. Агар ягон одам бо ӯ ҷанг карданӣ ё дашном доданӣ шавад, вай бояд «ман одами рӯзадорам» гӯяд. Чунин рафтор ва гуфтор одоби баланд ва олиҷаноб аст.

Барои рӯзадор ду хурсандӣ ҳаст. Нахуст ӯ ҳангоми ифтор мамнун, сониян ба Офаридгор қариб мешавад.

**– Домуллои мӯҳтарам, аз Ойиша розияллоҳу анҳо ривоят мекунанд, ки Пайғамбар саллаллоҳу алайҳи васаллам дар даҳаи охирини моҳи Рамазон миёнро маҳкам баста, шабзиндадорӣ карда, инчунин занони хонадонро ба ибодат даъват намуда, фазилатҳои ҳамон шабҳои моҳи Рамазон ва ба хусус шаби Қадрро таъкид кардаанд…**

– Ҳақ асту рост. Зеро маҳз дар рӯзи 27-уми Рамазон, дар шаби Қадр китоби муқаддаси мо Қуръони карим нозил шудааст. Агар дар ҳамон шаб одамон бедор нишаста, бо тиловати оятҳои Қуръон, намозхонӣ, тавбаву тазаррӯъ, дуохонӣ машғул шаванд, аҷру савоби он ба ибодати ҳазор моҳ баробарро соҳиб мегардад.

**– Гоҳо шоҳиди он мешавем, ки баъзе шахсон ба хотири гузаштагони хеш ифтор ташкил мекунанд ва рӯйи дастархон ғайр аз шири мурғ ҳама чизро мегузоранд…**

– Мушоҳидаи шумо дуруст аст. Исрофгарӣ, худситоӣ дар дини мубини мо амалҳои макрӯҳанд. Мо дар амрҳои маъруфи хеш таъкид мекунем, ки ифтор ташкил кардан, як намуди хайру эҳсон аст, на худнамоӣ. Агар ҷойи исрофгарӣ ба шахсони камбисот, муҳтоҷ, ногиро дасти ёрӣ дароз кунем, аҷру савоби бештар мегирем. Фитри рӯзаро бояд ба мискину бечорагон дод, ки миқдори он ба қимати қариб ду кило гандум аст.

**– Дар зиёрати ҳаҷ «ҳаҷҷи бадал», яъне ба ҷойи дигар шахс ҳаҷ кардан мавҷуд аст. Оё ба ҷойи каси дигар рӯза доштан мумкин аст?**

– Намоз ва рӯза ибодати шахсист ва аз тарафи дигарон адо карда намешавад. Шариат барои шахсоне, ки рӯза дошта наметавонанд, фидядиҳиро ҷорӣ кардааст.

**– Магар ғайр аз моҳи шарифи Рамазон дар дигар вақту фасл рӯза доштан мумкин аст?**

– Албатта, мумкин. Масалан, дар моҳи муҳаррам рӯзи Ашӯро ҳаст, ки маъноаш «рӯзи даҳум» мебошад. Расулуллоҳ (с.а.в.) дар ҳамин сана рӯза доштанро амр кардаанд. Инчунин, рӯзаи моҳҳои раҷаб, шаъбон, шаввол ҳаст. Дар ҳар моҳ се рӯз рӯзадорӣ низ ҳаст.

Аз фурсат истифода бурда, ба муштариёни рӯзнома сиҳҳативу саломатӣ, иродаи матин ва иҷобат шудани амалҳои некашонро таманно дорам.

Суҳбаторо

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ТАЪМИН СОХТАНИ ҲАЁТИ САЗОВОРИ ХАЛҚ, ПЕШ АЗ ҲАМА ЗАНОН, МИНБАЪД НИЗ ВАЗИФАИ МУҲИМТАРИНИ МО БОҚӢ МЕМОНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба мақсади ба дараҷаи нав бардоштани рушди соҳибкорӣ дар байни бонувон, кумакрасонӣ барои шуғли онҳо бо сарварии Раиси Сенат Т. Норбоева Комиссияи махсус созмон дода мешавад. Ин комиссия то 8 марти соли оянда дар режими «вазъияти фавқулодда» дар ҳар кадом минтақа кор мекунад ва дар пояи низом ва муносибатҳои куллан нав кори омӯзондани касбҳо ба занон, таъмин сохтани шуғли онҳо ва ҷалби бонувон ба соҳибкориро ташкил менамояд.

Дар Комиссия муовини раиси Бонки халқӣ Г. Рашидова ба масъалаҳои дастгирии молиявии ғояҳои тиҷоратии занон масъул хоҳад шуд. Ғайр аз ин, дар Палатаи савдову саноат, Бонки рушди тиҷорат ва Микрокредитбонк муовинони алоҳидаи раис бинобар кумакрасонӣ ба занони соҳибкор корро оғоз менамоянд. Ин роҳбарон бобати дар ҳар кадом вилоят, дар ҳар кадом ноҳия ва дар ҳар як маҳалла ошкор кардани ғояҳои нави тиҷоратии мавҷудаи занон, татбиқсозии ташаббусҳои онҳо, коркарди босифат ва татбиқсозии лоиҳаҳояшон ҳамаҷониба кумак мерасонад.

Ҳокимони вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо, муовинони ҳокимон оид ба кори занон, занони фаъол якҷо бо Комиссия барои таъмин кардани шуғли тақрибан 580 ҳазор зан дар 9442 маҳалла ба сифати масъул муайян карда шуданд.

Ҳадди ақалл 40 фоизи вомҳое, ки барои соҳибкории оилавӣ ҷудо карда мешаванд, барои дастгирии лоиҳаҳое, ки занон дар маҳаллаҳо пешниҳод намудаанд, сафарбар карда хоҳанд шуд. Барои ин мақсад дар ҳар кадом минтақа барои онҳо марказҳо ва кластерҳои ҳунармандиву соҳибкорӣ созмон дода мешаванд, ки 205 ҳазор занони мо дар онҳо тахассусҳои дар бозори меҳнат харидоргир ва асосҳои соҳибкориро меомӯзанд.

Ҳамчунин ба 8 ҳазор занон ва духтароне, ки ба «Дафтари ҷавонон» дохил карда шудаанд, барои оғоз намудани тиҷорати худӣ ва харидани таҷҳизот субсидия ҷудо карда мешавад, ба 10 ҳазор нафар вомҳои имтиёзнок пешниҳод мегарданд. Барои 50 ҳазор занони ҷавон лоиҳаи «Бизнес-марафон» бо иштироки мутахассисони соҳибтаҷриба ба роҳ монда хоҳад шуд. Дар доираи лоиҳа ба садҳо нафар духтарони соҳибистеъдод барои ташкил намудани тиҷораташон кумакҳои амалӣ расонда мешаванд.

Умуман дар тӯли як моҳ бобати ҷалби васеи занон ба соҳибкорӣ барномаи махсус қабул гардида, барои татбиқсозии лоиҳаҳо 15 триллион сӯм ҷудо мегардад, аз ҷумла 6 триллион сӯм барои лоиҳаҳои соҳибкории оилавӣ ҷудо карда хоҳад шуд. Ғайр аз ин, аз ҷониби сафоратхонаҳои мо дар Арабистони Саудӣ, Қатар, Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ ва Олмон барои рушди соҳибкории занона ҷудо кардани грант дар ҳаҷми 100 миллион доллар ба нақша гирифта шудааст. Як қатор чораҳои муҳим дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ низ татбиқ карда хоҳанд шуд. Аз ҷумла, 2 ҳазор бонувоне, ки ба амалиёти ҷарроҳиҳои мураккаб ниёз доранд, аз ҳисоби маблағҳои буҷаи давлатӣ ва идораҳои байналмилалии молиявӣ табобат мегиранд.

Баробари ин 1 миллион занони ҳомила ва 1 миллиону 500 ҳазор занони кӯдакдор бо воситаҳои йод, тақрибан 6 миллион занони синну соли таваллуд бо доруворӣ оҳану туршии фолиевӣ ройгон таъмин карда мешаванд.

Ба 4 ҳазор нафар заноне, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор доранд, манзил дода мешавад. Дар 3 ҳазор зани ин тоифа ҷарроҳии мураккаби пизишкӣ ройгон анҷом дода мешавад.

Дар кишвар платформаи «Академияи духтарон» таъсис дода мешавад, ки дар он ба 100 ҳазор зан асосҳои дониши молиявӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ ва репродуктивӣ омӯзонида мешаванд.

Рӯйихати чунин ҳолатҳоро метавон идома дод.

Муҳтарам иштирокчиёни тантана!

Чӣ хеле ки маълум аст, ба қарибӣ Ассотсиатсияи маҳаллаҳои Ўзбекистон ва зершуъбаҳои ҳудудии он таъсис ёфта буданд. Ин барои ҳалли мушкилоти аҳолӣ, махсусан занон имкониятҳои нав фароҳам овард.

Мо аз фаъолзанон дар таркиби «ҳафтгонаи маҳалла» натиҷаҳои махсусан калон интизорем. Вазифаҳои аввалиндараҷаи онҳо беҳбуди зиндагии занони мо, ҳалли мушкилоти онҳо, ҳангоми зарурат бояд дӯстони наздиктарини онҳо шаванд, ки дар масъалаҳои оилавӣ онҳоро дастгирӣ мекунанд.

Шумо, бешубҳа, хуб мефаҳмед, ки ҳадаф аз ҷорӣ намудани чунин низоме, ки дар ҷаҳон ҳамто надорад, аз поён сар карда, ҳимояи босамари ҳуқуқу манфиатҳои занон аст. Инро метавон қадами нави амалӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ўзбекистон номид.

Ҳамватанони азиз!

Дӯст доштани Ватан, содиқона хизмат кардан ба он, ба воя расонидани шаҳрвандони арзандаи кишвари худ бузургтарин ва шарафмандтарин рисолати ҷаҳонист. Занони ғамхору хирадманд ва монданашавандаи мо дар иҷрои ин вазифа ҳамеша фидокории махсус нишон медиҳанд.

Чунон ки маълум аст, аҳолии мо ҳар сол қариб 900 ҳазор нафар меафзояд. Дар соли таҳсили ҷорӣ 733 ҳазор нафар бачаҳо ба синфи якум қадам гузоштанд. Дар ин насли наврас, ки фардо хамчун мавҷи тавоно ба ҳаёти мо дохил мешавад, мо бунёдкорони Ўзбекистони Навро мебинем.

Аз ин рӯ, писарону духтарони моро ҳамчун шахсияти аз ҷиҳати ҷисмонӣ қавӣ ва рӯҳан баркамол ба воя расонидан, дар онҳо ташаккул додани ифтихори миллӣ, муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ бояд мақсади асосии мо бошад.

Дар замони имрӯзаи ташвишовару ноором аз хатарҳои рӯзафзуни ҷаҳон, аз қабили радикализм, ифротгароӣ, терроризм, савдои одам, нашъамандӣ, муносибати сабукфикрона ба ҳаёт, эҳсосоти истеъмолӣ, туфайлихӯрӣ эмин нигоҳ доштани ҷавонон вазифаи ниҳоят таъхирнопазир мебошад.

Аз фурсат истифода бурда, ба тамоми занони мамлакат муроҷиат менамоям.

**Хоҳарони азиз, аз шумо хоҳиш менамоям, ки диққати худро ба тарбияи фарзанд дар оила зиёд кунед, ба боғчаю ясли҃ҳо, мактабҳо ва донишкадаҳои олӣ бештар равед. Бо муаллимон ва мураббиён бештар муошират кунед, ба таҳсил, давомот ва рафтори фарзандон ва наберагон таваҷҷуҳ зоҳир намоед. Мо бояд ҳама якҷо, якдилона амал кунем, то фарзандонамонро ҳамчун шахси бомаърифат, аз ҷиҳати зеҳнӣ баркамол, соҳибирода, ба Ватану халқи худ содиқ, хубро аз бад фарққунанда тарбия намоем.**

Мо бояд минбаъд кори маънавӣ-тарбиявиро ба таври куллан нав ва роҳ монем. Ба тамоюли **«Инсонпарварӣ – мақсади мо, тарбия – неруи мо»** амал карда, мо ин кори муҳимро бояд, пеш аз ҳама аз оила, маҳалла оғоз кунем.

Чуноне ки дар ҳадиси шариф омадааст, **«аз тарбияи хуб мероси беҳтаре нест»**.

Маҳз дар чунин масъалаҳо масъулияти занони азизи мо, модароне, ки моро дуои хайр медиҳанд, бараъло зоҳир мегардад.

Тасаввур кунед, ки агар фарзандони азизамон таълиму тарбияи шоиста гиранд, ҷомеаи мо, зиндагии мо чӣ гуна тағйир меёбад.

Дар иҷрои ин вазифа, ки аҳамияти ҳалкунанда дорад, мо дар навбати аввал ба шумо, занони азиз такя мекунем.

Дӯстони азиз!

Таҷрибаи миллии кишвари мо дар самти дастгирии занон дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудааст. Дар индекси Бонки ҷаҳонӣ, ки чанде пеш эълон шуда буд, **Ўзбекистон дар қатори панҷ кишваре шомил шуд, ки дар татбиқи ислоҳот дар соҳаи баробарии гендерӣ ба муваффақиятҳои бештар ноил шудаанд**.

Дар гузориши солонаи «Зан, тиҷорат ва қонун» аз рӯи 10 нишондиҳанда вазъи 190 кишвари ҷаҳон арзёбӣ карда мешавад. Дар индекси нав ислоҳоте, ки дар кишвари мо дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ва мубориза бо зӯроварии хонаводагӣ амалӣ карда мешавад, бомуваффақият дониста шуд. Зимнан зикр гардид, ки Ўзбекистон дар ин самт натиҷаҳои хуб ба даст овардааст.

Бесабаб нест, ки дар анҷуманҳои бонуфузи байналмилалии занон, ки соли гузашта дар Тошканд ва Самарқанд баргузор шуда буданд, таҳлилгарону коршиносони мустақил ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳи хоса зоҳир карданд.

Ҳамаи ин, албатта, муваффақияти бузурги умумии мост ва мо бояд ин корро ба зинаи нав бардорем.

Имсол дар мамлакати мо боз як чорабинии калон — **Форуми занони Осиё** барпо мегардад. Он якҷоя бо сохтори «Созмони Милали Муттаҳид – Занон» ташкил карда мешавад.

Итминон дорам, ки ин форум як платформаи муассири муколама барои баррасии сиёсати гендерӣ ва иштироки минбаъдаи занон дар идоракунии давлатӣ, ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ хоҳад шуд.

Аз фурсат истифода бурда, сафирони муҳтарами давлатҳои хориҷӣ ва намояндагони созмонҳои байналмилалиро, ки дар ҷашни имрӯза ҳузур доранд, самимона хайрамақдам мегӯям. Аз самими қалб ба мамлакатҳо ва халқҳои онҳо сулҳу амонӣ, некуҳолӣ ва шукуфоӣ орзумандам.

Дӯстони азиз!

Чунон ки маълум аст, ҳар сол дар арафаи иди 8 март мо духтарони боистеъдодро, ки сазовори Мукофоти давлатии ба номи Зулфия — шоираи бузурги ўзбек гардидаанд, барои муваффақиятҳои аввалин дар соҳаҳои гуногун табрик мекунем.

Фикр мекунам, ки чорабинии идонаи мо имрӯз барои духтарон, волидон ва мураббиёни онҳо фаромӯшнашаванда хоҳад буд.

Шумо, духтарони азизамро бо чунин мукофоти олӣ, шахсан аз номи худам ва аз номи халқи мо самимона муборакбод менамоям. Итминон дорам, ки шумо дар оянда бо комёбиҳои бузурги худ ба чунин боварии баланд ва эътирофи Ватан ҳатман сазовор мегардед.

Ҳамзамон, дар арафаи ҷашни имрӯза як гурӯҳи калони занони обрӯманд, ки дар меҳнат ва фаъолияти ҷамъиятӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузоштаанд, аз ҷониби давлатамон бо ордену медалҳо мукофотонида шуданд.

Ҳамаи мо онҳоро аз таҳти дил муборакбод карда, дар фаъолияти минбаъдаашон муваффақиятҳои нав орзу мекунем.

Бонувони азиз!

Бори дигар шуморо бо иди имрӯзаи баҳору зебоӣ табрик мегӯям.

Ба ҳамаи шумо саломатӣ ва хушбахтӣ, ба хонадонатон сулҳу оромӣ ва файзу баракот таманно дорам.

Бигзор ҳар яки шумо ҳамеша дар иҳотаи муҳаббат ва меҳру эҳтироми хонавода, фарзандону наберагон, кишвару мардум бошед!

Барои эътиборатон ташаккур!

# ХИВА БА МАҚОМИ ШАҲРИ САЙЁҲИИ ОЛАМИ ИСЛОМ СОҲИБ ШУД

***5 марти соли равон шаҳри Хива мизбонии чанд чорабинии тантанавиро бар дӯш дошт. Ин чорабиниҳо ба муносибати ба ин шаҳр дода шудани мақоми «Хива – шаҳри сайёҳии олами ислом» бахшида шуданд. Конфронси матбуотие, ки бо ширкати ҷонишини якуми раиси Кумитаи оид ба туризм Ҷамшед Абдусаломов, ҷонишини Дабири кулли Созмони ҳамкории исломӣ Аҳмед Сенгендо, сардори садорати Кумитаи туризм Иброҳимҷон Барноев ва муовини ҳокими вилояти Хоразм Ботир Саидов ба вуқӯъ пайваст, дар меҳвари худ масъалаҳои омодагирӣ ба ду тадбири муҳим дар моҳи майи соли равонро қарор дод.***

– Яке аз рукнҳои сиёсатеро, ки Президент Шавкат Мирзиёев ба амал татбиқ менамояд, кушодадилӣ, ҳамсоядории нек, бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, беҳбуди ҷойҳои ҷолиби диданӣ, такмили низоми нақлиёту логистика ва либерализатсияи низоми раводид ташкил медиҳад, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ хеле мусоидат мекунад. Хурсандиовар аст, ки маҳз бар асоси ҳамин гуна сиёсат ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба Ўзбекистон дар як сол ба ҳисоби миёна 25 дарсад афзоиш ёфтааст ва ҳаҷми даромад аз содироти туризм ба чор баробар боло рафтааст, – изҳор намуд Ҷамшед Абдусаломов. – Соли гузашта 7 миллион сайёҳ барои сафар ва тамошо кишвари моро интихоб карданд. Аз ин ҳисоб ҷамъ 2,1 миллиард доллари амрикоӣ хидматрасониҳои сайёҳӣ сурат гирифт, ки интизор меравад, ин рақам минбаъд боз афзоиш хоҳад ёфт.

Ба гуфтаи Ҷамшед Абдусаломов Созмони ҷаҳонии туризм Ўзбекистонро ба ҳайси яке аз кишварҳои ривоҷаш хеле босуръати сайёҳӣ ба феҳрист ворид намуд. Инчунин дар як қатор нашрияҳои бонуфузи хориҷӣ дар ин бора маводи зиёд ба табъ расид, ҳатто соли 2023 ташкилотҳои байналмилалии рейтингӣ Ўзбекистонро аз рӯи номинатсияи кишварҳои рушдкунандаи туризм ғолиб эълон намуданд.

Доктор Аҳмед Сенгендо гуфт, ки аз номи Созмони ҳамкориҳои исломӣ ва шахсан аз номи худаш изҳори шодмонии самимиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Ўзбекистон ва мардуми он мерасонад.

– Ин ҳодисаи таърихӣ як марҳилаи муҳим дар саёҳати дастаҷамъии мо дар самти пешбурди табодули фарҳангӣ, таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва пешбурди кори сулҳу шукуфоӣ мебошад. Ҷоизаи «Шаҳри сайёҳии СҲИ» қодир аст дар рушди устувор ва дарозмуддати иқтисоди кишварҳои узви СҲИ ва инчунин баланд бардоштани некуаҳволии мардуми онҳо нақши муҳим бозад, – изҳор намуд ҷонишини Дабири Созмони ҳамкории исломӣ.

Доктор Аҳмед Сенгендо илова намуд, ки ҳар як номзад бояд ба талаботи зиёд ҷавоб диҳад ва Хива дар ин росто манзури ҷамъи вузарои кишварҳои узви СҲИ гардид. Минбаъд Созмони ҳамкории исломӣ барои тарғиби ин шаҳр дар ҷаҳони муосир аз наздик ҳамкорӣ мекунад, иқтисоди он боло меравад ва таваҷҷуҳи сармоягузорони зиёд ба он ҷалб мегардад. Ин басо имконияти бузург мебошад.

Гуфта шуд, ки ба муносибати ба Хива дода шудани ин мақом дар моҳи майи соли ҷорӣ ду чорабинии бузурги байналмилалӣ баргузор мегардад, Яке маросими ифтитоҳи расмии он таҳти шиори Хива – шаҳри сайёҳии Созмони ҳамкории исломӣ бо иштироки дабири СҲИ ва вазирони сайёҳии 57 кишвари узв, коршиносони байналмилалӣ ва васоити ахбори омма, дуввумӣ иҷлосияи 12-уми нишасти вазирони туризми кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ, ки санаи онро дақиқ эълон мекунанд.

Интизор меравад, ки дар ҷаласаи 12-уми ҷашнвораи гастрономӣ, конфронси илмӣ-амалӣ, намоиши аксҳо ва намоишгоҳҳои бадеӣ таҳти шиори «Таомҳои хони Хоразм», ки имконоти ҷаҳони ислом ва сайёҳии зиёратиро ошкор мекунанд, ташкил карда мешаванд.

Ёдовар мешавем, ки 27-29 июни соли 2022 дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон ҷаласаи 11-уми вазирони сайёҳии кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ баргузор шудааст. Дар он 5 шаҳри кишварҳои узви ин созмон, аз ҷумла Хива (Ўзбекистон), Абу-Даби (АМА), Шанлиурфа (Туркия), Лаос (Нигерия), Душанбе (Тоҷикистон) барои мақоми шаҳри сайёҳии ҷаҳони исломӣ дар соли 2024 мубориза бурдаанд.

Дар ин иҷлосия Хива аз ҷониби кишварҳои узв ҳамчун шаҳри сайёҳии Созмони ҳамкории исломӣ дар соли 2024 интихоб шудааст.

Шаҳр таърихи ду ҳазору панҷсадсола дошта, дар рушди фарҳангу санъат, илму адаб, савдо, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ саҳми бузург гузоштааст. Дар замони ӯ шахсиятҳои бузурге чун Хоразмӣ, Замахшарӣ, Наҷмиддини Кубро, Паҳлавон Маҳмуд, Абулғозӣ Баҳодурхон, Огаҳӣ барин алломаҳо ба камол расидаанд.

Шаҳри Хива аз ёдгориҳои таърихӣ ва тамошобоб бой аст. Зиёратчиён ва сайёҳон аз ҳудуди 100 осори фарҳангии шаҳр дидан мекунанд. Маҷмааи «Ичан-Қалъа» (ё Қалъаи дохилӣ), ки дар он объектҳои мероси фарҳангӣ ҷойгир аст, соли 1990 ба Феҳристи мероси фарҳангии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО дохил карда шудааст. Дар айни ҳол дар ин шаҳр 90 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекунад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ХОРАЗМ.*

# ҲУРМАТУ ЭҲТИРОМИ ШАЪНУ ШАРАФИ ИНСОН, ПЕШ АЗ ҲАМА, АЗ ЭҲТИРОМИ ЗАНОНИ АЗИЗИ МО ОҒОЗ МЕЁБАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳамчунин бобати вусъат додани имкониятҳои иқтисодии занон, рушди соҳибкории бонувон натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд. Тӯли панҷ соли охир дар Ўзбекистон шумораи занони корчаллон ду баробар афзуд, миқдори соҳибкорзаноне, ки тиҷорати худро ба роҳ монданд, аз 205 ҳазор нафар гузашт. Ғайр аз ин тақрибан ба 200 ҳазор бонувон касбҳои гуногун ва донишҳои соҳибкорӣ омӯзонида шуданд. Зиёда аз 400 ҳазор нафар бо кор таъмин гардиданд.

Ба татбиқсозии иқтидори духтарон эътибори зиёд дода мешавад. Алҳол дар муассисаҳои таълими олии мо анқариб 1 миллиону 300 ҳазор донишҷӯён таълим мегиранд, ки беш аз нисфи онҳо духтаронанд. Дар баробари ин духтарон аз оилаҳои камтаъмин ба хондан мувофиқи грантҳои иловагии давлатӣ қабул карда мешаванд. Барои онҳо вомҳои имтиёзноки таълимӣ, сарпур сохтани хароҷоти пардохти маблағи қарордодӣ пешбинӣ шудааст.

Занони кишвари мо дар соҳаи илм низ ба комёбиҳои бузург ноил мегарданд. Тӯли ҳафт соли охир 5247 зан дараҷаи илмӣ гирифтанд. 47 фоизи иштирокдорони лоиҳаи «Як миллион нафар барномарез»-ро духтарон ташкил медиҳанд.

– Бо вуҷуди душвориҳо мо имкониятҳои иловагӣ дарёб мекунем, барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, татбиқсозии имкониятҳои занону духтарон шароит фароҳам меоварем ва ин корро ҳатман идома медиҳем. Зеро саводнокии бонувон, аз ҷумла духтарон, дорои таълими олӣ шудани онҳо, соҳиби касб гардиданашон барои бахту саодати оила, инкишофи кӯдакон, умуман гулгулшукуфии тамоми ҷомеа хидмат мекунад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президент оид ба вазифаҳое, ки барои таҳкими саломатии занон, таъмин сохтани шуғли онҳо, рушди соҳибкории бонувон ва пурзӯр сохтани ҳифзи иҷтимоии занон, ки дар Барномаи давлатии Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат пешбинӣ шудаанд, таваққуф кард.

Ба ин мақсадҳо бо сарварии Раиси Сенат комиссияи махсус ташкил карда мешавад. Он дар ҳар кадом минтақа дар пояи низом ва муносибатҳои куллан нав фаъолиятро бинобар ба занон омӯзондани касбҳо, бо шуғл таъмин кардани онҳо ва ба соҳибкорӣ ҷалб намудани бонувон ба роҳ мемонад.

Ҳокимони вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо, муовинони ҳоким оид ба кори занон, ҳамчунин занони фаъол якҷо бо Комиссия барои бо кор таъмин кардани тақрибан 580 ҳазор занони бекор дар 9442 маҳалла тӯли соли равон масъул хоҳанд шуд.

Умуман дар мӯҳлати як моҳ барномаи алоҳида бобати ҷалби васеи занон ба соҳибкорӣ қабул гардида, барои татбиқ намудани лоиҳаҳо 15 триллион сӯм ҷудо карда хоҳад шуд. Ғайр аз ин, грантҳо дар ҳаҷми 100 миллион доллар аз Арабистони Саудӣ, Қатар, Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ ва Олмон ҷалб карда мешаванд.

Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ўзбекистон ва сохторҳои минтақавии он, фаъолон дар ҳайати «ҳафтгонаи маҳалла» бояд ёварони занон, мушовирони наздик бинобар масъалаҳои оилавӣ бошанд.

Модар будан ва ба тарбияи кӯдак машғул шудан вазифаи бузург мебошад. Аҳолии мамлакати мо ҳар сол анқариб 900 ҳазор нафар меафзояд. Ҷисмонан ва рӯҳан ҳамчун шахсиятҳои пешқадам ва дар рӯҳи ватандӯстӣ тарбия намудани онҳо вазифаи муқаддас ба шумор меравад.

Ба ин маънӣ роҳбари давлат ба тамоми занон муроҷиат кард.

– Минбаъд мо бояд корҳои маънавиву тарбиявиро куллан ба тарзи нав ба роҳ монем. Ба раванди «Инсонпарварӣ мақсади мост, маърифат иқтидори мост» такя намуда, бояд ин кори муҳимро, пеш аз ҳама, аз оила ва маҳалла оғоз намоем. Тавре ки дар ҳадиси муқаддас гуфта шудааст, «меросе беҳтар аз тарбияи хуб нест». Маҳз дар чунин масъалаҳо масъулияти занони азизи мо, модарони дуогӯямон равшан падидор мешаванд, – зикр намуд Президент.

Эътиборе, ки дар мамлакати мо нисбати занон дода мешавад, дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидааст. Дар индекси ба наздикӣ интишоршудаи Бонки умумиҷаҳонӣ Ўзбекистон ба сифати яке аз панҷ кишвари ҷаҳон, ки дар соҳаи баробарии гендерӣ хеле зуд инкишоф меёбанд, қайд карда шуд. Соли равон мамлакати мо боз як чорабинии бузург – Анҷумани осиёии занонро қабул мекунад.

Сарвари давлат сафирони хориҷӣ ва намояндагони созмонҳои байналмилалиеро, ки дар чорабинии идона иштирок доранд, самимона муборакбод кард.

Мувофиқи Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 4 марти соли равон ба 28 нафар духтарон Ҷоизаҳои давлатии ба номи Зулфия, бинобар фармон аз 5 март бошад, занони фаъоли соҳаҳои мухталиф бо ордену медалҳо мукофотонида шуданд.

Занони минтақаҳои гуногуни мамлакати мо, намояндагони созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷашнро дар атрофи мизи идона таҷлил карданд.

Чорабинӣ бо барномаи муҳташами консертӣ идома дошт.

**ЎзА.**

# ЗАНОНРО БА ҲАЁТИ ФАЪОЛ ҶАЛБ НАМОЕМ!

**_Сир нест, ки рушди маънавии ҷамъият, дараҷа ва мизонҳои ҳуқуқӣ, адолатнокии он ба муносибати ҷамъияту аъзои он нисбат ба занону духтарон вобастагии қавӣ дорад. Озодии аҳолии мамлакат, фаровонии ҳаёти онон бо он қиёс карда мешавад, ки занон то чӣ андоза озоданд, мавқеашон дар ҷамъият дар кадом поя аст._**



Ба ҳамагон маълум аст, аз бозе, ки кишварамон мустақил шуд, дар ин давр баробари дигаргуниҳои иқтисодӣ, маданӣ-маърифатӣ ба масъалаҳои оила, занону духтарон эътибори алоҳида дода мешавад.

Дар айни замон ҳуқуқу манфиатҳои занону духтарон, вазифаи модарии, онон бо як қатор қарору қонунҳо ҳимоя карда шудааст.

Масъулияти занону духтарон дар ҷараёни ривоҷу равнақ додани Ӯзбекистони Нав, нақши онон дар таъмини тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию маърифатӣ дар Сарқонуни навтаҳриршудаи Ӯзбекистон, Кодекси меҳнат, Кодекси шаҳрвандӣ ва дигар меъёру ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ пурра акс ёфтаанд.

Дар моҳи январи соли ҷорӣ аз тарафи Фонди ҷамоатии назди Шӯрои депутатҳои халқии вилояти Сурхондарё барои таъмини иҷрои Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» як қатор грантҳо эълон гардиданд. Мақсади асосӣ аз эълони ин грантҳо дар асоси якчанд лоиҳа боз ҳам амиқтар ба роҳ мондани муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ байни институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои давлатӣ мебошад. Ба ғайр аз ин, ҳадафи дигари асосӣ ба роҳ мондан ва мустаҳкам намудани муносибат ва ҳамкориҳои Фонди ҷамоатӣ ва «Комиссияи мустаҳкамсозии арзишҳои оилавӣ», ки дар ҳузури Ҷамоати шаҳрвандӣ созмон ёфтааст, мебошад. Барои баланд бардоштани арзишҳои оилавӣ дар ҳудудҳо ва васеъ тарғиб намудани арзишҳои миллӣ, умумиинсонӣ дар оилаҳо шуъбаи вилоятии Маркази иттифоқи занону духтарони ҷумҳурӣ дар озмун-гранти номбаршуда оид ба мавзӯи «Занони ақибмондаро ба ҳаёти фаъол ҷалб карда, хушбахт намоем» ширкат варзида, ғолиб дониста шуд.

Ба ҳамагон маълум аст, дар Ӯзбекистоне, ки бо суръати баланд ривоҷ ёфта истодааст, ҳарчанд ба занону духтарони ҷавон эътибор афзун аст, вале ҳанӯз ба занону духтарони синнашон аз 50 боло, ки дар корҳои ҷамъиятӣ нофаъоланду ақибмонда ва тарзи зиндагиашон нисбатан нохуб, чорабиниҳои ҷиддӣ дида нашудааст. Ҷавонон тариқи интернет маълумот пайдо карда метавонанд, ки дар хориҷ аҳолӣ барои саломатии худ, тарзу мароми хӯрокхӯрӣ ва бо варзиш чӣ гуна машғул мешавад. Аммо дар шаҳри Тирмиз аксарияти занони синнашон аз 50 боло на забони русӣ ва на забони англисиро медонанд. Аз ҳамин сабаб беҳсозии тарзи зиндагии иҷтимоии онҳо асосан аз тарафи давлат ё ташкилотҳои ғайридавлатӣ бояд ба роҳ монда шавад.

Тадқиқотҳои илмӣ ҳаминро нишон дода истодаанд, ки инсон ҳар қадар зиндагии фаъол аз сар гузаронад, агар рӯзе 10 ҳазор метр қадам занад, имкони пешгирӣ кардани касалиҳои қанд ва дилро пайдо мекунад. Агар занон, хусусан модарон, ҷисман ва руҳан солим бошанд, муҳити оилавӣ ҳам аз ҳар ҷиҳат солим мешавад, аъзои оила ба ҳамдигар меҳрубон, самимӣ гашта, роҳи ҳалли ҳар гуна мушкилро оқилона пайдо менамоянд. Агар бо як сухан ифода намоем, чунин оилаҳо дар маҳалла намунавӣ маҳсуб ёфта, ҳама бо чашми ҳавас ба онҳо назар месозанд.

Аммо дар ҷомеаи мо падару модароне, ки аз сини 50 боло шудаанду фарзандонашон соҳиби ҷойу макон гардидаанд ва худашон, ки ба нафақа баромадаанд, майли хонашинӣ дар онҳо бештар пайдо мешавад. Заноне, ки ба нафақа баромадаанд натанҳо хонашин мешаванд, балки дар натиҷаи аз ҷамъият билкул ҷудо шудан, руҳияти психологиашон ҳам хеле паст мегардад. Ин, албатта, ҳолати номатлуб аст. Дар шаҳри Тошканд занон агар имконияти аъзо шудан ба клубҳои фитнес, йога дошта бошанд, дар шаҳри Тирмиз барои занон ин имконият ба таври бояду шояд нест. Агар бошад ҳам, хеле кам ва аксарияти занон аз вуҷуд доштани ин гуна клубҳои солимгардонӣ ҳатто бехабаранд, ё худ аксарияти занон аз фикри «ба ҳаёти фаъол гузаштанам даркор» дуранд.

Барои ҳамин ҳам дар ҳузури ҷамоаи шаҳрвандон ташкил гардидани «Комиссияи мустаҳкамгардонии арзишҳои оилавӣ» нақши бориз дорад ва агар аз тарафи давлат маблағгузорӣ шавад, барои беҳсозии тарзи зиндагии занон ва дуруст риоя кардани онҳо ба тарзи хӯрокхӯрӣ бо ҳамкории ин комиссия дарсу машғулот ташкил намудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар натиҷа дар маҳаллаҳо занон ба ҳаёти фаъол қадам мениҳанд, сафи оилаҳои солим зиёд ва оилаҳои носолим кам мешаванд.

Вақте ки занон аз синни 50 гузаранд, набояд руҳафтода шаванд, ки акнун синни онҳо ба ҷое расидааст ва ё беморшавӣ ҳолати табиист. Не, онҳо набояд ҳис кунанд, ки ба касе муҳтоҷ ҳастанду ба касе бояд такя кунанд. Ин яке аз масъалаҳои муҳим ва шумор меравад.

Баръакс, ба онҳо нишон додан лозим аст, ки синни 50 ҳоло баҳори зиндагист, саломатии ҷисмонӣ ва руҳонӣ барои онҳо аз ҳама муҳим аст ва бовар кунонидан лозим, ки ҳамаи ин дар дасти худи онҳост.

Дар лоиҳае, ки мо пешниҳод намудему дар он ғолиб дониста шудем, маҳз ана ҳамин масъалаҳои муҳими занон, ки як қисми ҷудонашавандаи ҳаёти ҷомеаи мост, баррасӣ мегардад.

Мақсад ва вазифаҳои асосии лоиҳа:

1. Фитнес ва машғулоти солимгардонӣ ташкил намуда, модароне, ки такягоҳи асосии оилаҳо дар маҳаллаҳо мебошанд ва хушдоманҳо, ки ҳимоятгари асосии мустаҳкамии оила маҳсуб мeёбанд, дар он ҷалб намудан;

2. Бо ҳамкории «Комиссияи мустаҳкамсозии арзишҳои оилавӣ» дар маҳаллаҳои «Боғи шамол», «Гули раъно», «Ӯзбекистон», «Алпомиш», «Сурхон соҳили» бо иштироки модарон, хушдоман, бибиён, олимаҳое, ки дар ҷамъият фаъоланду намуна дар мавзӯъҳои «Хонадони аз ҳама ибратнок дар маҳалла», «Хушдомани зукко ва оқила», «Хушдоман – модари дуюми ман», «Зани оқила зеби хонадон», «Хонадони намунавӣ дар маҳалла» суҳбатҳо, вохӯриҳо ва мусобиқаҳои шавқовари оилавӣ ташкил намуда, ба руҳияти соҳибони оилаҳои ҷавон ва оилаҳои носолим таъсири мусбӣ расонида, ба оилаи онҳо низ муҳити солим офаридан ба мақсад мувофиқ аст;

3. Бо кумаки фитнес ва риояи дурусти таомхӯрӣ дар маҳаллаҳо муҳити солими оилавиро тарғиб намуда, касалиҳо ва бартараф кардани ҳолатҳои руҳиро ба занон, модарон, хушдоманҳо ёд додан лозим;

4. Бо мақсади амалӣ намудани лоиҳаи мазкур дар оилаҳои маҳаллаҳои Тирмизшаҳр ва зиёд намудани оилаҳои хушбахт фаъолнокии, занону модарон, кадбону ва хушдоманҳои синнашон аз 50 болоро рӯзмарра афзун гардондан лозим (бояд дар маҳаллаҳо бештар машғулоти фитнесро ташкил кард).

Барои амалӣ намудани ҳамаи инҳо, албатта, ҷойи муносиб ва шароити зарурӣ лозим аст.

**Манзура АБДУЛЛОЕВА,**
**директори шуъбаи вилоятии Иттиҳоди занон ва духтарони Сурхондарё.**

## МЕҶӮЯМ, ЭЙ МОДАР, ТУРО

*Иди модар омада, меҷӯям, эй модар, туро,*
*Аз гулу гулдастаҳо мебӯям, эй модар, туро.*

*Иди модар омада, идонаат шеъри тарам,*
*Бо насими субҳгоҳӣ мефиристам модарам.*

*Ҳамнишинат ҳур бошад, манзилат пур аз сафо.*
*Хонаи пурнурро дорам таманно аз Худо.*

*Дастагулро, модари ҷон, рӯйи хокат оварам,*
*Аз барои ёдбуду рӯҳи покат оварам.*

*Духтарат аз ҳаҷри ту андар суроғат мерасад,*
*Атри гулҳои баҳорӣ бар димоғат мерасад.*

*Саҷда бар хоки мазорат мегузорам, модарам,*
*Оҳ, ман Зарринаи чашминтизорам, модарам.*

***Зарринa РАҲМАТОВА,***
***муаллимаи мактаби рақами 79-уми ноҳияи Сариосиё.***



*Дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ба дараҷаи доктори фан, профессор расидан, ба хусус барои занон осон нест. Барои ин асрори илму фанро омӯхтан, имтиҳону санҷишҳои зиёдро паси сар кардан мебояд. Маҳфузахон Юсуповаи андиҷонӣ аз чунин санҷишҳо бо сари баланд гузашта, ба ин унвони баланди илмӣ, ҳурмату эътибори халқ муваффақ шудааст.*

*Алҳол профессор Махфузахон Юсупова дар Донишгоҳи давлатии Андиҷон, ҳамчунин Донишкадаи муҳандисиву технологияҳои Намангон ба ҷавонон сабақ меомӯзонад. Баробари ин, ҳамчун узви шӯрои илмии Донишкадаи кишоварзӣ ва агротехникии Андиҷон, раиси комиссияи имтиҳоноти самти хоҷагии қишлоқ, раиси иттиҳоди «Бонувони ихтироъгар»-и вилояти Андиҷон фаъолияти самарабахш дорад.*

***Дар сурат: Маҳфузахон Юсупова** бо шогирданаш.*
***Суратгир: З. УМРЗОҚОВ (ӮзА).***

# ҲУНАР ГАНҶИНАИ ПУРЗАР

**Ҳунар ганҷинаест, ки аз ҳама ганҷҳо пурқиматтару аз ҳама қуллаҳо болотар. Бузургон беҳуда нагуфтаанд: Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор…**

Имрӯзҳо дар мамлакатамон ба рушди ҳунарҳои миллӣ, тавсеаи соҳибкорӣ ва дар ин замина баланд бардоштани фаъолияти занон ва таъмини шуғли онҳо таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Ба шарофати ба роҳ мондани имконият баҳри рушди ҳунарҳои миллӣ бонувони кишвари мо ба ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили дӯзандагӣ, бофандагӣ, тоқидӯзӣ, гулдӯзӣ, қуроқдӯзӣ, қаннодӣ ва амсоли инҳо машғул шуда, бо завқи беандоза анъанаҳои миллиро ривоҷ медиҳанд.

Аз ҷумла, дар ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон низ бонувоне, ки бо маҳорати баланди худ дар озмуну намоишҳои ҳунарӣ анъанаҳои ниёгонамонро муаррифӣ менамоянд, бисёранд.

Яке аз онҳо Райҳона Амонбоева мебошад, ки бо ҳунари тоқидӯзии худ на танҳо дар деҳа, балки берун аз он низ иззату эҳтироми хоса дорад. Ӯ дар асоси анъанаи устоду шогирд то имрӯз ба чанд нафар занону духтарон асрори тоқидӯзиву гулдӯзӣ, инчунин қуроқдӯзиро ёд дода, бо ҷойи корӣ таъмин кардааст.

– Ҳунари тоқидӯзӣ аз одам сабру таҳаммул ва завқи нозукро талаб мекунад. Гулдӯзии тоқиҳо яке аз санъатҳои нозук буда, аз маҳорати нақшофарӣ ва тахайюми ҳунарманд вобастагӣ дорад. Тоқиҳо чун шиносномаи маҳал, ҷойи зисти шахсро низ муайян менамояд, – мегӯяд Р. Амонбоева.

Бонувони маҳаллаи Чорбоғи ноҳия низ бо ҳунар ва меҳнати худ сазовори эҳтироманд. Аз ҷумла, Машҳура Иброҳимова сокини ҳамин маҳалла коргоҳи хурд кушода, занони хонанишинро бо ҷойи корӣ таъмин намуда, ба дӯхтани пардаву либосҳои миллӣ шурӯъ кардааст.

– Ман хурсандам, ки ба воситаи ҳунарам нафърасони мардум мебошам. Асосан барои ороиши хонаи наварӯсон пардаву либосҳои миллӣ медӯзем. Мо занони соҳибкор барои шароиту имкониятҳое, ки давлатамон фароҳам овардааст, миннатдорем,– иброз дошт Машҳура.

Соҳибкор ният дорад, ки корхонаи дӯзандагиро васеъ карда, шумораи коргарон ва ҳаҷми корро афзоиш диҳад.

Бонуи ҳунарманди дигари ноҳия, ки бо тайёркунии маҳсулоти қаннодӣ шуғл дорад, Дилфуза Мамазоитова мебошад. Ӯ дар маҳаллаи Ҷари ноҳия истиқомат мекунад.

– Мо дар сех маҳсулоти қаннодию нонии маҳаллӣ ва таомҳои миллӣ тайёр мекунем, ки дасторхони тӯю маъракаи мардумро оро медиҳад. Мақсади мо васеъ намудани коргоҳ ва бо ҷойи кори нав таъмин кардани занони хонанишин аст, – афзуд қандолатпази моҳир Д. Мамазоитова.

Ин занони ҳунарманд дар озмуни «Бонувони ҳунарманд» бо намоишҳои ҳунарии худ ширкат варзида, ғолибиятро ба даст даровардаанд.

Дар ноҳияи Косонсой чунин бонувони ҳунарманд бисёранд, ки бо ҳунармандии худ баробари ба буҷаи оилаашон даромади иловагӣ овардан, анъанаҳои ниёгонро тарғиб мекунанд.

Ҳунар, қобилият, кордонӣ, касб фазилатест, ки ҳамеша инсонро сарфарозу бахтиёр мегардонад.

Хушбахтиву комронӣ ва зебоиву шодмонӣ ҳама аз маҳсули дасти ҳунармандон сарчашма мегирад. Аз ин ҷост бонувони ҳунарманди косонсоӣ бо ҳунари худ сарфарозу воломақоманд.

**Махфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ЭҲТИРОМ БА БОНУВОНИ БУХОРОӢ

*Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд,*
*Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд...*

Боиси хурсандист, ки имрӯз на фақат дар соҳаи илм, таълим, фарҳанг, ҳифзи тандурустӣ, балки дар кулли соҳаҳо, аз ҷумла, дар мақомоти давлатию низоми идоракунӣ низ занону духтарон мавқеи муносиби худро доранд. Саҳми онҳо дар соҳаи идоракунии хоҷагии халқи диёрамон 33 фоиз, дар сафи ҳизбҳои сиёсӣ 47 фоиз, байни соҳибкорон 37 фоизро ташкил мекунад. Танҳо соли гузашта дар вилояти Бухоро 91 ҳазору 598 нафар занону духтарон соҳиби кор гардиданд. 10 ҳазору 865 нафар хоҳарон дар соҳаи касбу ҳунар таҳсил гирифтанд. Боиси ифтихор аст, ки байни бонувони вилоят қаҳрамонони Ӯзбекистон, сенатор ва депутатҳои Олий Маҷлис фаъолият доранд.

Дар шаҳри Бухоро ба муносибати Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон – 8 март тадбири тантанавӣ ба амал омад. Дар он занону духтарони пешқадамтарини соҳаҳои гуногун, дар ҳаёти иҷтимоӣ фаъол, онҳое, ки бахри ободии маҳаллаю фаровонии оилаҳо саҳми арзанда гузоштаанд, аз ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят иштирок карданд. Дар ҷамъомад ҳокими вилоят Ботир Зарифов ба сухан баромада, ҷамъомадагон ва дар симои онҳо тамоми занон ва духтарони вилоятро ба муносибати ид муборакбод намуд. Гуфтан ҷоиз аст, ки имсол низ чун анъана ду нафар духтарони соҳибистеъдоди вилоят: докторанти ДДБ Моҳичеҳра Пӯлодова ва омӯзгори мактаби касбу ҳунари рақами 2-юми ноҳияи Рометан Гулнора Тӯхтамишова соҳиби Мукофоти давлатии ба номи Зулфия гардиданд.

Дар тадбир 15 нафар бонувони ибратбахши вилоят бо нишони сарисинагии «Мӯътабар аёл» тақдир ёфтанд.

Ҳамин тариқ, гурӯҳи фаъоли занон ва духтарон бо ифтихорнома ва тӯҳфаҳои муносиби Кумитаи оила ва занону духтарон сарфароз гаштанд.

Тадбир бо барномаи консертии устодони санъати вилоят ва ҳофизони хушовози эстрада поён ёфт.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# «ОВОЗИ ТОҶИК»: 100 СОЛИ ПУРШАРАФ

## *ЁДИ ЁДҲО*

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).**

### МУҲИДДИН АМИНЗОДА:

Дар Самарқанд Пайрав ба мактаби мусиқӣ, ки ман дар он ҷо таҳсил мекардам, омаду рафт дошт. Ин мактаб дар мадрасаи Шердори Самарқанд кушода шуда буд. Ман ҳам мисли дигар хонандагони мактаб дар яке аз ҳуҷраҳои ин мадраса истиқомат доштам. Шабҳо дар саҳни мадраса ҷамъ шуда давра мезадем. Пайрав ҳам омада дар ҳалқаи мо менишаст, ба суҳбати мо ҳамроҳ мешуд, гап мезад, механдид ва гоҳо хомӯшу ҳарисона ба сурудҳои шашмақом гӯш медод. Дар он шабу рӯз Ҳамза Ҳакимзода ҳам ба мактаби мо бисёр меомад.

### «ХАЛЛОҚУЛМАЪОНИИ СОНӢ» ВА «ОВОЗИ ТОҶИК»

Табъу нашри «Овози тоҷик» боиси хушию масаррати тамоми аҳли адаб, маорифпешагон, адибон гашта буд. Яке аз шоирони машҳури замон, ба қавли Ҳашмати Бухороӣ, «муриди абулмаъонӣ алраммонии қудсирра балмазид барин таъриф, соҳибдили сонӣ-халлоқулмаъонии туркистонӣ – Зуфархон Ҷавҳарии Истаравшанӣ (1860-1945) аз ин падид – нашри «Овози тоҷик» ба ваҷд омада, ба муносибати ҷашни яксолагии он ба шеъри Айнӣ: «Овози тоҷик» тазмин кардааст, ки ин байтҳо аз ҳамон шеър аст, ки то ба ҳол аз вай бӯи табрик меояд:

Ту май деҳ соқиё, мутриб бизан барбат, ки мебошад,
Муборак рӯзгорею ҳумоюн аҳду хуш ҳоле.
Ба сад оҳанг боз «Овози тоҷик» ҷашноро шуд,
Паи табрики соли тозаву наврӯзи омоле.

### ШАҲОБИДДИН САДРУЛЛИН

Мавсуф, яке аз муҳаррирони пешини «Овози тоҷик» буд. Он солҳоро ба ёд оварда навиштааст, ки «Шумораи якуми газета 25 августи соли 1924 чоп шуда баромад. Ман дар аввалҳо аъзои ҳайати таҳририяи ин рӯзнома будам. Моҳи маи соли 1927 маро муҳаррир таъин карданд. Дар назди ходимон вазифаи қатъӣ гузошта шуд, ки забони газета бештар ба омма наздик ва фаҳмо бошад. Барои беҳтар намудани забони газета аввалан лозим буд, ки якчанд нафар зиёиёни забондону қаламрони тоҷик ба кори редаксия ҷалб карда шаванд.

…Яке аз корҳои муҳиме, ки редаксия бо иштироки фаъолонаи зиёиён ва бо сардории С.Айнӣ ташкил намуд, мубоҳиса дар бораи забони адабии ҳозираи тоҷик буд.

Оммафаҳм гардидани забони газета, беҳтар шудани сифати материалҳо боиси афзудани шумораи хонандагон ва мухбирон гардид. Масалан, шумораи мухбирон то 1 маи соли 1927 аз сад нафар зиёд набуд. Аммо дар ҳамон санаи соли 1930 ин шумора беш аз 2000 нафарро ташкил дод. Тиражи газета низ аз 5000 ба 10 ҳазор нусха расид».

Дар боргоҳи «Овози тоҷик» бисёр шахсони мӯътабари замон кор кардаанд. Ҳайфо, ки бо сабабҳои гуногун, аз соли 1940 то 1950 газета табъу нашр нашуда монд, ходимонаш парокандa, муштариёнаш дилсард шуданд. Баъди он чандин бор аз як бино ба дигараш кӯчид, сармуҳарриронаш иваз шуданд.

### ФОТЕҲ НИЁЗӢ:

Матбуот мактабест, ки ҳар шахси бо вай алоқамандро дар оғӯши мавҷи талотумҳои ҳаёт пухта мекунад, обутоб медиҳад. Ин аст, ки даҳ не, сад не, ҳазорҳо адибони гузаштаву имрӯза пеш аз қадам ниҳодан ба роҳи мустақили адабӣ тақдири худро бо матбуот пайваста, матбуотро мураббии нахустини фаъолияти адабии худ мешуморанд. Ман ҳам аз ҷумлаи ҳамон адибоне ҳастам, ки солҳо дар ин мактаби наҷиб шогирд будам ва аввалин қадамҳои худро дар адабиёт аз ҳамин мактаб – «Овози тоҷик» сар кардам.

### АКАДЕМИК АБДУЛҒАНӢ МИРЗОЕВ ВА «ОВОЗИ ТОҶИК»

Бо номи «Академик Абдулғанӣ Мирзоев» адиби пурдони шодравон Аълохон Афсаҳзод рисолае навишта, онро аз нашриёти «Ирфон» соли 1985 ба табъ расонда буд. Ин мазмун баргирифта аз ҳамон китоб аст.

«А. Мирзоев, баробари адои вазифа дар органҳои советӣ, солҳои пеш бо рӯзномаи «Овози тоҷик» ва газетаи ӯзбекии «Камбағал-деҳқон», ки ҳар ду ҳам нашрияи КМ ПК(б) Ӯзбекистон буданд, ба сифати мухбири махсус ҳамкорӣ намуда, бо имзоҳои мустаори Гулханӣ, Шаҳдӣ, Абдулғанӣ хабару мақолаҳое менавишт, ки зиндагии навро васф, пирӯзиҳоро ситоиш, кам-будиҳоро фош мекарданд. Моҳи октябри соли 1928 А. Мирзоев аз идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» супориш гирифта, ба пойтахти РАСС Тоҷикистон шаҳри Душанбе омада, барои он рӯзнома обуна ҷамъ мекунад. Азбаски ҳанӯз роҳи оҳан набуду мошинҳо кам буданд, ӯ бо аробаи кироӣ ба Душанбе расида омадааст...»

### МУҲАММАДҶОН ҲАСАНОВ

Муҳаммадҷон Ҳасанов дар солҳои 1926-1927, як сол дар вазифаи сармуҳаррири «Овози тоҷик» кор карда, зимни ёдномаи худ навиштааст, ки то ба ин вазифа ба кор таъин шуданаш (то моҳи май), «Овози тоҷик» ҳамагӣ 68 шумора чоп шуда, чор моҳи охир нашр нашудааст. Аз ин рӯ, масъалаи ҷалб кардани мухбирон, беҳтар кардани сифати газета аз ҳама муҳим буда, лозим омадааст, ки мулоқоти ҳайати таҳрирро бо обуначиён ба роҳ монанд.

М. Ҳасанов саҳми Устод Айниро дар кори беҳтар намудани сифати рӯзнома, забони он хеле баланд арзёбӣ карда, аз ҷумла навишта буд: «Бояд гуфт, ки дар назди газетаи «Овози тоҷик» ба сифати иловаи он журнали «Мулло Мушфиқӣ» ба баромадан сар кард. Ҳоҷӣ Муини Шукрулло муҳаррир, Саидризо Ализода котиби масъул, Козимзода ходими адабӣ, Маъруф Расулӣ, Мӯъмин Хоҷаев аъзоёни ҳайати таҳририя буданд. Тӯрақул Зеҳнӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Бақозода, Раҳим Ҳошим, Обид Исматӣ, Афзалӣ, Мӯсавӣ, Қосимов (Махсуми қош), Нурмуҳаммадзодаи Ҷамшед, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Вализода, Баҳриддин Азизӣ, Ноил Шерзода, Пайрав Сулаймонӣ, Пинадӯз, Икромӣ, Собит Маннофзода, Сотим Улуғзода, Ш. Ҳусейнзода, Юнус Ҳусейн, Кулихон Осимӣ, Тоҷӣ Усмон, Муҳсинзода, Б. Умарӣ, Эшонов, Маҳмудӣ ва дигарон дар нашри ин журнал бо асарҳои ҳаҷвии худ фаъолона иштирок мекарданд.

### ҚАМАРИДДИН МИРЗОЕВ

Қ. Мирзоев солҳои 1934-1938 сармуҳаррири «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳозира «Овози тоҷик») буд. Дар арафаи ҷашнгирии 50-солагии рӯзнома мавсуф 71-сола будааст. Солҳои сипаришудаи умри худро бо сарбаландӣ ба ёд меорад: «ба даст яроқ гирифта дар ҷангҳои гражданӣ ва бузурги ватанӣ иштирок кардам, сазовори унвони номзади илми иқтисод шудам, дар Институти хоҷагии халқи Тошканд муаллимӣ кардам, аз шаҳди давлати пирӣ имтиёзи нафақагири дорои аҳамияти республикавӣ бархурдор ҳастам, худро яке аз одамони хушбахти замон медонам», – навиштааст ӯ.

Қ. Мирзоев ба ёд меорад: «пеши назарам солҳои 1934-38 ҳамчун навори кино ҷилвагар мешаванд. Аз пеши чашмонам шумораҳои чорсолаи рӯзнома, ки ман муҳаррир будам, саҳифа ба саҳифа мегузоранд. Барои оростани ин саҳифаҳо, барои ба минбари баланди ба оммаи меҳнаткашон расондани дастурҳои партия ва ҳукумат табдил додани ин саҳифаҳо ходимони рӯзнома, аз хурд то калон, ҷонбозона кор мекарданд. Баъзан бо кор рӯзу шабро ба як ранг мегузарондем».

### МИРБАРОТ ФОЗИЛОВ

М. Фозилов дар солҳои 1950-1956 муҳаррири «Ӯзбекистон сурх» (номи пештараи «Овози тоҷик») буд. М. Фозилов соли 1912 дар Самарқанд ба дунё омада, соли 1930 ба матбааи «Овози тоҷик» ба кор медароянд, ҳуруфчинӣ, мусаҳҳеҳӣ кардааст, баъди ду сол ӯро мудири шуъбаи хоҷагии қишлоқ таъин кардаанд. Аз соли 1939 то 1941 дар идораи рӯзномаи вилоятии «Ленин йўли» дар вазифаҳои мудири шуъба, котиби масъул, ҷонишини муҳаррир кор карда, баъди аз ҷанг бо ордену медалҳо баргаштанаш, ӯро дар вазифаҳои масъул ба кор гирифтаанд.

«Овози тоҷик» Мирбарот Фозиловро чун яке аз заҳматкашони содиқ, журналисти шӯълавар дар ёд дорад, аз ин ки дар синни 62 солагӣ аз олам гузаштааст, изҳори таассуф мекунад:

«Соли 1950. 5 март. Он рӯз дар ёди ҳаводорони рӯзномаи «Ӯзбекистони сурх» ҳамчунин рӯзи пурхайру саховат сабт ёфтааст. Он рӯз дар саросари республика боз овози тоҷик танинандоз гардид. Он рӯз ҳар як ходим бо як масъулияти калону шавқу завқи беқиёс кор мекард. Ба онҳо журналисти шӯълавар, коркуни озмудашудаи партиявӣ, яке аз заҳматкашони деринаи рӯзномаи тоҷикӣ Мирбарот Фозилов сардорӣ мекард. Ва то соли 1956 дар ҳамин маснади сардорӣ – муҳаррирӣ истода, аз сидқи дил кор кард».

(Давом дорад).

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**Журналисти шоистаи Ӯзбекистон.**




## *Аз ҳаёти бонувони рӯзноманигор*

### ИЛҲОМ

Яке аз машъалафрӯзони маорифи халқи ноҳияи Самарқанд, муаллима Сарвинисо Нарзуллоева ба кори идораи рӯзномаи «Овози Самарқанд» омад. Ў дар кабинети мухбирон Дилбар Нозимӣ ва Дилафрўз Облоқулова ҷой гирифт. Рӯзи аввал шикоят кард, ки кабинети корӣ хеле гарм аст. Бар замми ин, вай либоси ғафс дар бар дошт.

– Муаллима, эҷод чӣ тавр? – суол кард котиби масъули рӯзнома, нависандаи ҳаҷвнигор Бахтиёри Ҷумъа.

– Эҳ напурсед, – ба худ шамол дода ҷавоб дод Сарвинисо Нарзуллоева. – Дилам беҳол шуд. Гумон кардам, ки кабинетҳо хунук. Пагоҳ, албатта, эҷод мекунам.

– Агар хоҳед, бароятон кабинети алоҳида медиҳем?

– Не, раҳмат, ҳамин ҷо нағз!

– Имрўз ягон мақола медиҳед? – рӯзи дуюм пурсид Бахтиёри Ҷумъа.

– Чизи менавиштагӣ бисёр, аммо илҳом намеояд, – гуфт муаллима.

Бахтиёри Ҷумъа пас аз чанд муддат барои муаллима як қадаҳ қаҳва овард.

– Муаллим, ҳамроҳи қаҳваи гарм шоколад бошад, зўр мешуд-дия, – гуфт Сарвинисо Нарзуллоева.

Бахтиёри Ҷумъа чизе нагуфта, ба кабинеташ рафт ва дар даст бо шоколад баргашт.

– Мана, барои шумо шоколад, акнун нависед!

– Муаллим, ин шоколади майдаро чӣ хел ба се тақсим кунам? Ин ҷо мо се нафар.

– Ҳозир! – гўён муаллим ин дафъа бо як бонка мураббои лимонӣ баргашт.

Баъд барои ҷўш задани чашмаи илҳомаш дар компутер сурудҳои Ҷўрабек Муродовро гузошт.

Рӯзи сеюм Сарвинисо Нарзуллоева рост ба кабинети устод Бахтиёри Ҷумъа ворид шуд.

– Ҳа, муаллима, ягон хабар навиштед? - пурсид Бахтиёри Ҷумъа.

– Барои шикоят омадам! Қаҳваю шоколад фишори хунамро баланд кард. Мураббо хеле бомазза будааст, аз он бисёртар хўрдам. Сарам чарх зада, дилам беҳузур шуд. Ба хона рафта, бемор шудам. Базўр ба худ омадам.

– Ие, – ҳайрон шуд Бахтиёри Ҷумъа. – Агар касе ба ман чунин шароит фароҳам орад, роман менавиштам.

### ҲУНАР

Рӯзноманигорон пеш аз навиштани мақола дар бораи соҳибони касбу кори гуногун маълумот ҷамъ мекунанд. Инчунин, аз ҳамсуҳбаташон ягон чизро меомўзанд. Масалан, духтарони идора дар натиҷаи суҳбат бо ҳунармандон зардўзӣ, гулдўзӣ, пардадўзӣ, тайёр кардани хўриш, пухтани ҳалисаву суманакро низ омўхтанд. Чанде пеш мухбири рӯзнома Дилдора Ҳалимӣ бо як нафар бофанда суҳбат орост. Ў хост, ин ҳунарро низ омўзад. Барои худ ресмон ва кашак харид. Чанд бор машқ карда, аз байни ҳалқа гузаронидани ресмонро омўхт. Акнун бо шавқ бофтанӣ буд, ки ангуштарини дасташ халал расонд. Вай ангуштаринро аз ангушташ гирифта, сўе гузошт. Ду рўз бо бофтани нимостина машғул шуда, корашро ба поён расонд. Сипас, ба ёдаш омад, ки ангуштарин нест. Ҳарчанд ҷустуҷў кард наёфт.

– Хайр, садқаи сарам! – худро тасалло дода гуфт Дилдора. – Ҳунар давлати поянда ва чашмаи зоянда аст, гуфтаанд.

### ХАТО КАНӢ?

Дар ҷамъомади навбатӣ сармуҳаррири рӯзнома ходимони эҷодиро ба фаъолӣ даъват намуд:

– Аз сабаби набудани мавод барои саҳифаи аввал се мақолаи Дилбар Нозимиро, ки ба занҳо дахлдор аст, ҷой додем. Инчунин, бояд бодиққат бошем, ки хато нагузарад. Раҳмат ба саҳифабанд Сироҷ Раҷабов, забони рўзномаро надонанд ҳам, баъзан хаторо ислоҳ мекунанд.

Ҳангоми хўроки пешин Сарвинисо Нарзуллоева, ки нав ба кори идораи рӯзнома омада буд, ба Дилбар Нозимӣ рў овард:

– Кори хуб нашуд, ки дар саҳифаи аввал се мақолаатонро чоп кардед. Хайр, хафа нашавед. Минбаъд ба ин саҳифа мақола нанависед. Бигузор, дигарҳо нависанд.

Ҳангоми бозгашт аз ошхона бо саҳифабанд Сироҷ Раҷабов вохўрд.

– Сироҷ Раҷабов! – бо хашм ба Сироҷ Раҷабов рў овард Сарвинисо Нарзуллоева. – Шумо кори кардаатонро медонед?

– Ман чӣ кардам? – ҳайрон шуд Сироҷака.

– Хайр, муаллима, рафтем, – муаллимаро ором карданд духтарон.

Онҳо роҳашонро давом доданд. Сарвинисо Нарзуллоева ба қафо нигариста, бо дастонаш таҳдидомез ба Сироҷ Раҷабов ишора карда гуфт:

– Баъд бо шумо гапзанон мекунам!

– Сироҷака ба шумо чӣ бадӣ карданд? - пурсиданд духтарон.

– Газетаро хато чоп мекардагӣ магар ҳамин кас нестанд? – бо ҳайрат пурсид муаллима.

– Не, ин кас аз рўйи тарҳи пешакӣ саҳифа мебанданд ва хатоҳои аз ҷониби муҳаррири навбатдор нишондодаро ислоҳ мекунанд. Барои хушсифат ва зебо баромадани газета саҳмашон калон.

Ба кабинет омада, Сарвинисо Нарзуллоева рўзномаи навбатиро ба даст гирифт ва ба Дилбар рў овард:

– Канӣ, дар кадом саҳифа хато гузаштааст, ман ҳамон ҷояшро хонам?

– Рўзнома бехато баромад.

– Хато набошад, барои чӣ ин қадар сармуҳаррир оташин шуданду ман асабамро вайрон кардам?!

**Дилрабо НАСИМӢ.**

## ЗАН ШАБЕҲИ БАҲОР АСТ

Баҳор – яке аз фаслҳои сол, аз рўйи тақвими соли милодӣ – моҳҳои март, апрел, майро дарбар мегирад. Баҳор фасли зеботарини сол ба шумор рафта, ин фаслро зиндашавии табиат, арўси сол меноманд. Ба муносибати фарорасии баҳор дар кишварҳои ҷаҳон иду маросимҳои халқӣ гузаронда мешавад, онҳо якдигарро мубораку шодбошиҳо мегўянд. Дар васфи баҳор шоиру нависандагон, адибони зиёде шеъру тарона мегўянд:

*Баҳор омад ба некрўзӣ,*
*Бичин гулҳои наврўзӣ.*
*Бипўш тоқии гулдўзӣ,*
*Баҳори нав муборак бод!*

Дар ин фасл якчанд идро ҷашн мегирем. Яке аз онҳо 8 март – Иди модарон мебошад.

Рўзи байналхалқии занон дар аввал, рўзи мубориза бар зидди беҳуқуқии занон буд. Он на иди бонувон, балки ҷашни занони инқилобгар ном дошт. 8 марти соли 1857 дар Ню-Йорк коргарзанони фабрикаҳои пойафзор ва дўзандагӣ гирдиҳамоӣ карданд. Онҳо даъвои кўтоҳ кардани рўзи корӣ, беҳтар кардани шароити меҳнат ва маоши ба мардон баробарро талаб карданд. Он солҳо занон дар як шабонарўз то 16 соат меҳнат мекарданд, вале музди ночиз мегирифтанд. Таърихи ҷашнгирии иди занон бо номи Клара Сеткин алоқаманд буда, гурўҳи инқилобии худро, ки аз занон иборат буд, барои мубориза бар зидди истисморгарон ташкил карда буд. Аз соли 1975 Созмони Милали Муттаҳид, бино ба Соли байналхалқии занон, 8 Мартро чун Рўзи байналхалқии занон эълон намуд. Дар Ўзбекистон низ чун анъана дар ин рўз занон аз мардон таваҷҷуҳ, гул ва тўҳфаҳо интизоранд. Аз сўйи дигар ба он ишорат меравад, ки сиёсати давлат низ беҳтарин анъана ва суннатҳои фарҳанги қадимаи миллии моро мавриди татбиқ қарор гирифта, мавқеи бонувонро баланд арзёбӣ намудааст.

Бахшида ба фарорасии баҳор, иди бонувон дар гўшаю канори мамлакат чорабиниву гирдиҳамоиҳо баргузор мегарданд. Бо ташаббуси Маркази милливу фарҳангии тоҷикони шаҳри Чирчиқ «Суғдиён» чорабинии бошукўҳ бо номи «Зан шабеҳи фасли баҳор аст» гузаронда шуд. Дар он намояндагон аз марказҳои милливу фарҳангии миллатҳои мухталифи кишвар, бонувони фаъол ва соҳибкор, муаллимаҳои собиқадор, меҳмонон ва донишҷўёни Донишгоҳи давлатии омўзгории Чирчиқ ҳозир буданд. Иштирокдорон доир ба баҳор, дўстию ҳамдилии миллатҳо ҳарф заданд. Занони солхўрда ба диёри озоду обод, осудаамон ҷашм нарасад гуфта, шукрона гуфтанд. Раиси Маркази милливу фарҳангии тоҷикони Чирчиқ Орзугул Абдураҳмонова бо ҳомигии чанд нафар соҳибкор барои меҳмонон суфраи баҳорӣ паҳн намуда, онҳоро хайрамақдам гуфт.

– Оре, чунин гирдиҳамоиҳои дўстона ба диёре, ки мардумаш меҳнаткашу меҳмондўст ва ватанпарвар аст, мезебад. Роҳбари давлатамон барои мо – модарон, занону духтаронамон ғамхорӣ зоҳир менамояд. Заминамонро Аллоҳ аз чашми бад нигоҳ дорад. Барои ҳамаи шумоён ид муборак бошад, – гуфт муаллимаи собиқадор аз деҳаи Испайи ноҳияи Бўстонлиқ Турдиҷонапа.

Ба чорабинӣ баромади дастаи ҳунарии «Остин», аз деҳаи Навободи ноҳияи Бўка ва донишҷўёни гурўҳи тоҷикии ДДОЧ шукўҳи тоза бахшид.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 4250. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Т. Тўхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.